# Довуд 3



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.



ДАР ИН МИЁН САМУИЛ МУРД. ВА ТАМОМИ ИСРОИЛ ҶАМЪ ШУДА, БАРОИ Ӯ НАВҲАГАРӢ КАРДАНД.
САМУИЛ АКНУН БО ХУДОСТ. Ӯ КАСЕ БУД, КИ МАРО БА ПОДШОҲӢ БАР ИСРОИЛ ТАДҲИН НАМУД. АКНУН МАНv ИНТИЗОРИ ИҶРО ШУДАНИ ИН ПЕШГӮӢ ҲАСТАМ.
АЗ ТАЪҚИБОТИ ШОУЛ ПИНҲОН ШУДА, ДОВУД ДАР НАЗДИКИИ МУЛКИ НОБОЛ НОМ САРВАТМАНДЕ ҚАРОР ДОШТ, КИ БИСЁР САРВАТМАНД БУДА, СЕ ҲАЗОР ГӮСФАНД ВА ҲАЗОР БУЗ ДОШТ.
ИН ПАЁМРО БА НОБОЛИ КАРМИЛӢ РАСОНЕД.
ОСОИШ БАР ТУ БОД! ШУНИДААМ, КИ МАВСИМИ ПАШМТАРОШӢ АСТ. АЗБАСКИ ОДАМОНИ МАН РАМАҲО ВА ЧӮПОНОНИ ТУРО НИГАҲБОНӢ КАРДААНД, ЛУТФАН, АЗ ОН ЧИ vЗЕРИ ДАСТИ ТУСТ, БАРОИ МО ДЕҲ.
ДОВУД КИСТ? ИМРӮЗҲО ҒУЛОМОНИ ЗИЁДЕ АЗ ПЕШИ ХОҶАГОНИ ХУД ГУРЕХТА РАФТААНД. ЧАРО МАН ХӮРОКВОРИЕРО, КИ БАРОИ ПАШМТАРОШОНАМ ТАЙЁР КАРДААМ, БА КАСОНЕ ДИҲАМ, КИ НАМЕШИНОСАМ?»
НОБОЛ БА МО ЧУНИН ҶАВОБ ДОД.
БАРОИ ЧУНИН ҶАВОБ БА НЕКИИ МАН, КИ ОДАМОН ВА РАМАҲОИ ӮРО НИГАҲБОНӢ МЕКАРДАМ, МАН САЗОЯШРО МЕДИҲАМ.
ШАМШЕРҲОИ ХУДРО БА МИЁН БАНДЕД!


ХИЗМАТГОРОНЕ КИ ҶАВОБИ НОБОЛРО ШУНИДА БУДАНД, НАЗДИ ЗАНИ ХОҶААШОН ДАВИДА РАФТАНД.
ХОНУМ АБИҶАЙЛ – МОВУ ШУМО ДАР ХАТАРИ МАРГОВАР ҲАСТЕМ!
ДОВУД НАЗДИ ХОҶААМОН КАС ФИРИСТОД, АММО Ӯ ОНҲОРО ТАҲҚИР НАМУД.
ҲАНГОМЕ КИ МО ДАР САҲРО БУДЕМ, ОДАМОНИ Ӯ ҲЕҶ ГОҲ БА МО ОСЕБ НАМЕРАСОНДАНД. ДАР АСЛ ОНҲО БАРОИ МО МОНАНДИ ДЕВОРЕ БУДАНД ВА МО ҲЕҶ ЧИЗЕРО АЗ РАМАҲОЯМОН ГУМ НАМЕКАРДЕМ.
НОБОЛ ШАХСИ МАҒРУР АСТ, БА ТАВРЕ КИ БО Ӯ ГАП ЗАДАН МУМКИН НЕСТ.
ФИКР КУНЕД, КИ ЧӢ КОР КАРДА МЕТАВОНЕД – ВАГАРНА МУСИБАТЕ БАР ТАМОМИ ИН ХОНАДОН ТАҲДИД МЕНАМОЯД.
ЗУД! БА МАН ПАНҶ ГӮСФАНДИ ПУХТА БИЁРЕД, ВА МАН БА ХИЗМАТГОРОНИ ДИГАР МЕФАРМОЯМ, КИ НОН, ҒАЛЛА, МАШКҲОИ МАЙ ВА ГИРДАҲОИ МАВИЗРО ТАЙЁР КУНАНД.
ШОЯД МО ХАШМИ ДОВУДРО БОЗДОШТА ТАВОНЕМ – ҲАНӮЗ, КИ ДЕР НАШУДААСТ.
БИГУЗОР ХУДО МАРО САХТ ҶАЗО ДИҲАД, АГАР МАН ДАР ХОНАДОНИ НОБОЛ ЯК МАРДИНАЕ БОҚӢ ГУЗОРАМ.
БИГУЗОР АЙБИ ИН ГУНОҲ ТАНҲО БАР МАН БОШАД!
БА НОБОЛ ДИҚҚАТ НАДЕҲ, ЗЕРО РАФТОРИ Ӯ АЙНАН МУВОФИҚИ НОМИ ӮСТ: НОБОЛ, ЯЪНЕ АҲМАҚ.
ЛУТФАН, АЗ ГУНОҲИ КАНИЗИ ХУД ГУЗАР ВА ИН ТӮҲФАҲОРО ҚАБУЛ КУН. ҲАНГОМЕ КИ ПАРВАРДИГОР БА ТУ ҲАР ОН ЧИ ВАЪДА КАРДААСТ, МЕДИҲАД, ИН БАРОИ ТУ САБАБИ АФСӮС ВА АЗОБИ ВИҶДОН НАМЕШАВАД, КИ ХУНИ НОҲАҚ РЕХТАЙ.




I ПОДШОҲОН 25:32-44


ЯК ГУРӮҲ ЗИФИЁН НАЗДИ ШОУЛ ОМАДАНД …
МО МАЪЛУМОТИ ХУБ ДОРЕМ, КИ ДОВУД ДАР ТЕППАИ ҲАКИЛО ПИНҲОН ШУДААСТ.
МО БОЯД БА РОҲ БАРОЕМ – Ӯ БА ДОМ АФТОД.
3 000 МАРДИ БЕҲТАРИНИ МАРО ҶАМЪ КУНЕД. ИН ДАФЪА ДОВУД ҲАЛҚАДАВАКРО БА ГАРДАНАШ АНДОХТААСТ.
УРДУГОҲ ҶАМЪ КАРДА ШУД ВА ОДАМОН БА РАФТАН ТАЙЁРАНД.
ДАР БИЁБОН МОРО ҶУСТУҶӮ КАРДАНИ ШОУЛ ДУШВОР МЕШАВАД.
ҶОСУСОНРО ФИРИСТЕД ВА МАН БО ОНҲО МЕРАВАМ.
МО ХАБАРҲО ОВАРДАЕМ. ШОУЛ БО 3,000 САРБОЗОНИ БЕҲТАРИНАШ ДАР НАЗДИ РОҲИ ҲАКИЛО УРДУ ЗАДААНД.
АҲИМАЛИКИ ҲИТТӢ ВА АБИШОЙИ БАРОДАРИ ЮОБРО НАЗДИ МАН ФИРИСТЕД.
МО ИМКОНИЯТИ ҲУҶУМ КАРДАН НАДОРЕМ.
КӢ БО МАН МЕРАВАД?
МАН МЕРАВАМ
БИЁЕД МЕРАВЕМ.


ХУДО АКНУН ҲАҚИҚАТАН ДУШМАНАТРО БА ДАСТИ ТУ СУПУРДААСТ.
МАН ӮРО БО ЯК ЗАРБАИ НАЙЗА БА ЗАМИН МЕДӮЗАМ.
ӮРО НАКУШ! КИСТ, КИ БА МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОР ДАСТДАРОЗӢ КАРДА, БЕҶАЗО МОНДА БОШАД?
АЗ ПАЙИ МАН БИЁ.
КАСЕ НАФАҲМИД, КИ ОНҲО КАЙ ОМАДАНД ВА Ё КАЙ РАФТАНД, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР БА ҲАМАИ ОНҲО, ҲАТТО БА ПОСБОНОН, ХОБИ САХТЕ ФИРИСТОДА БУД.
ЭЙ АБНИР! – БА МАН ҶАВОБ ДЕҲ!
ИН КИСТ?
МАН МЕДОНАМ, КИ ИН КИСТ.


ИН КИСТ, КИ БА ПОДШОҲ НИДО МЕКУНАД?
ҲАМАИ ШУМО САЗОВОРИ ҚАТЛ ҲАСТЕД, ЧУНКИ ХОҶАИ ХУД, МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОРРО НИГАҲБОНӢ НАКАРДАЕД.
НАЙЗАИ ПОДШОҲ ВА КӮЗАИ ОБ, КИ ПЕШИ САРАШ БУД, КУҶОСТ?
ОЁ ИН ОВОЗИ ТУСТ, ЭЙ ПИСАРАМ ДОВУД?
ОВОЗИ МАН АСТ, ШОҲАМ. ЧАРО ТУ МАРО ТАЪҚИБ МЕКУНӢ, МАН ЧӢ ГУНОҲЕ КАРДААМ?
АГАР ПАРВАРДИГОР ТУРО БА МУҚОБИЛИ МАН БАРАНГЕХТА БОШАД, БИГЗОР Ӯ ҲАДИЯИ МАРО ҚАБУЛ КУНАД.
АГАР ОДАМОН ТУРО БАРАНГЕХТА БОШАНД, БИГЗОР ОНҲО ЛАЪНАТӢ БОШАНД.
МАН ТУРО ДИГАР ТАЪҚИБ НАМЕКУНАМ, ЧУНКИ ИМРӮЗ ҶОНИ МАН ДАР НАЗАРИ ТУ АЗИЗ БУД.
МАН АБЛАҲОНА РАФТОР КАРДА, БИСЁР ГУМРОҲ ГАРДИДАМ.
ИНАК НАЙЗАИ ПОДШОҲ; БИГЗОР ЯКЕ АЗ ҶАВОНОН БА ИН ҶО ГУЗАШТА, ОНРО ГИРАД.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БА ҲАР КАС САЗОИ РОСТКОРӢ ВА САДОҚАТИ ӮРО ДИҲАД.
ЧУНОН КИ ИМРӮЗ ҶОНИ ТУ ДАР НАЗАРИ МАН АЗИЗ БУД, ҶОНИ МАН ҲАМ ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР АЗИЗ БОШАД, ВА Ӯ МАРО АЗ ҲАР МУСИБАТ ХАЛОСӢ ДИҲАД.


ДОВУД БА ФИКР АФТОД. Ӯ АЗ ОН ХАВФ ДОШТ, КИ ШОУЛ БОЗ АЗ РАЪЯШ МЕГАРДАД.
АЗ ИН РӮ Ӯ БА САРЗАМИНИ ФАЛИШТИЁН – ДУШМАНОНИ ШОУЛ ВА ИСРОИЛ – РАВОНА ШУД. Ӯ МЕХОСТ ФАҲМАД, КИ ОЁ ДАР НАЗДИ ОНҲО ПАНОҲ ЁФТА МЕТАВОНАД Ё НЕ.
ДУ ЗАНАШ – АҲИНӮАМ ВА АБИҶАЙЛ – БО Ӯ БУДАНД, АММО ЗАНИ ЯКУМАШ – МИКАЛРО ПОДШОҲ ШОУЛ БА КАСИ ДИГАР ДОДА БУД.
ДИГАР САРБОЗОН НИЗ ОИЛАҲОИ ХУДРО ДОШТАНД.
ХУДОЁ, ОХИР ИН ЗАМИНИ ДУШМАНОНИ ИСРОИЛ АСТ.
ШОУЛ МАРО ДАР ИН ҶО, ДАР ШАҲРИ ПОДШОҲНИШИНИ ҶАТ ҶУСТУҶӮ НАМЕКУНАД. ОКИШ, ПИСАРИ ПОДШОҲИ ҶАТ, МАРО ҚАБУЛ МЕКУНАД.
ВА КУШАНДАИ ҶОЛИЁТ МЕХОҲАД ДАР БАЙНИ ФАЛИШТИЁН ЗИНДАГӢ КУНАД?
ҲА, АММО НА ДАР ИН ҶО ДАР ШАҲРИ ПОДШОҲНИШИН БО ПИСАРИ ПОДШОҲ.
ДАР ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОИ ХУРДИ ТУ ЗИСТАН БАРОИ МАН ШАРАФЕ ХОҲАД БУД.
ХЕЛЕ ХУБ, ШУМО ВА АҲЛИ ОИЛАҲОЯТОН МЕТАВОНЕД ДАР ШАҲРАКИ СИҚЛАҶ ҲАР ҚАДАРЕ КИ ХОҲЕД, ЗИНДАГӢ КУНЕД.


АММО АЗ ИН ШАҲР ДОВУД БА СОКИНОНИ ЗАМИНҲОИ ҲАМСОЯ, КИ НАЗДИ МАРДУМИ ЯҲУДО МЕЗИСТАНД ТОХТУТОЗ КАРДАН ГИРИФТ.
ДОВУД ВА ОДАМОНАШ ҶАШУРИЁН, ҶИРЗИЁН ВА АМОЛЕҚИЁНРО НОБУД КАРДАНД.
ОЁ ҲАМА КУШТА ШУДААНД?
ҲАМА. ҲАМ МАРДОН, ҲАМ ЗАНОН. МО ШОҲИД БОҚӢ НАГУЗОШТЕМ.
ХУБ. АГАР НАМЕКУШТЕД, ОНҲО БА ФАЛИШТИЁН ХАБАР МЕДОДАНД ВА ЗИДДИ МО БАРМЕХЕСТАНД.
ТУ ВА ОДАМОНАТ ДАР КУҶО БУДЕД?
ЗИДДИ ШАҲРҲОИ ГУНОГУН ДАР ЯҲУДО РАФТА БУДЕМ.
МАН АЗ ИН ШАХС ХАВФ ДОРАМ. Ӯ ҶАНГОВАРИ БУЗУРГТАРИНИ МОРО КУШТ ВА АКНУН ДАР БАЙНИ МО ЗИСТА, ДАР ҶОЙҲОЕ МЕГАРДАД, КИ МО НАМЕДОНЕМ.
ҶОИ ХАВФ НЕСТ. ВАЙ ДАР НАЗАРИ ХАЛҚИ ХУД ОН ҚАДАР НАФРАТАНГЕЗ ШУДААСТ, КИ ТО АБАД БАНДАИ МАН МЕШАВАД.
АММО ДАР АСЛ ТАМОМАН БАРЪАКС БУД.
ХУДО ДОВУДРО БАРОИ НОБУД КАРДАНИ ДУШМАНОНИ МО ФИРИСТОД, ТО КИ БА МО ТОХТУТОЗ НАКУНАНД.
Ӯ САРВАРИ ХУБ ВА ҶАНГОВАРИ ДАЛЕР АСТ.


МО БА ҶАНГИ ЗИДДИ ШОУЛ ВА ЛАШКАРАШ РАВОНА ҲАСТЕМ – МАН ИНТИЗОРАМ, КИ ТУ НИЗ БА МАН ҲАМРОҲ МЕШАВӢ.
ИМРӮЗ ТУ МЕБИНӢ, КИ БАНДААТ ЧӢ КАРДА МЕТАВОНАД, ПОДШОҲ ОКИШ.
БА МАН ҲИМОЯТГАРИ ХУБ ДАРКОР АСТ, ВА ТУ ҶАНГОВАРИ БУЗУРГ ҲАСТӢ – МАН ТУРО БА ТАВРИ ДОИМӢ ПОСБОНИ САРИ ХУД ТАЪЙИН МЕНАМОЯМ.
ШУМО БОЯД РАФТА ЧИЗЕРО БИНЕД …---
ФАЛИШТИЁН ДАР ВОДӢ ҶАМЪ ШУДА ИСТОДААНД …
МАН БОЯД АЗ ПАРВАРДИГО Р ПУРСАМ.


ПАРВАРДИГОР НА БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАРОН, НА БА ВОСИТАИ УРИМ ВА ТУММИМ БА МАН ҶАВОБ НАМЕГАРДОНАД.
БА МАН МАДАДИ БЕШТАР ДАРКОР АСТ … ЗАНИ АЗОИМХОНЕРО ПАЙДО КУНЕД, ТО МАН АЗ Ӯ ПУРСИДА ТАВОНАМ.
АММО, ҲАЗРАТАМ, САМУИЛ ПЕШ АЗ ВАФОТАШ ҲАМАИ АЗОИМХОНОН ВА ФОЛБИНОНРО АЗ МАМЛАКАТ РОНДА БУД.
АММО МАН ЯКЕ АЗ ОНҲОРО МЕДОНАМ … ЗАНАКИ АЗОИМХОН ДАР ЭЙН-ДӮР ҲАСТ.
МАН МЕХОҲАМ, КИ БАРОЯМ РӮҲЕРО БАРОРӢ -- КАСЕРО, КИ БА ТУ ГӮЯМ, БАРОЯМ БАРОР.
ТУ МЕДОНӢ, КИ ПОДШОҲ ШОУЛ АЗОИМХОНОН ВА ФОЛБИНОНРО АЗ МАМЛАКАТ БАРҲАМ ДОДААСТ – ОЁ ТУ БА МУҚОБИЛИ ҶОНИ МАН ДОМ МЕГУЗОРӢ, ТО КИ МАРО БА ҲАЛОКАТ РАСОНӢ?
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР, КИ ТУ БАРОИ ИН КОР ҶАЗОЕ НАМЕКАШӢ.
КИРО БАРОЯТ БАРОРАМ?
САМУИЛРО БАРОЯМ БАРОР.
АААААА!!!
ЧАРО ТУ МАРО ФИРЕБ ДОДӢ? ТУ ШОУЛ ҲАСТӢ!
НАТАРС -- ЧӢ ДИДӢ?
РӮҲЕ АЗ ЗАМИН МЕБАРОЯД.
НАМУДИ ЗОҲИРИАШ ЧӢ ГУНА АСТ?
МАРДИ ПИРЕ КИ ҶОМАЕ ДАР ТАН КАРДААСТ – Ӯ НАЗДИК МЕОЯД.


ЧАРО МАРО БЕЗОБИТА НАМУДА, БАРОВАРДӢ?
МАН БИСЁР БА ТАНГ ОМАДААМ -- ФАЛИШТИЁН БО МАН ҶАНГ МЕКУНАНД, ВА ХУДО ДИГАР БА МАН ҶАВОБ НАМЕДИҲАД -- НА БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАРОН, НА БА ВОСИТАИ ХОБҲО.
БА МАН ГӮЙ, КИ ЧӢ БОЯД КУНАМ.


ПАРВАРДИГОР АЗ ТУ ДУР ШУДААСТ, ЧАРО АЗ МАН МАСЛИҲАТ МЕПУРСӢ?
ПАРВАРДИГОР ХУДАШ ТАВРЕ АМАЛ НАМУДААСТ, КИ БА ВОСИТАИ МАН ГУФТА БУД.
ПОДШОҲӢ ДИГАР ДАР ДАСТИ ТУ НЕСТ, БАЛКИ ДАР ДАСТИ ДОВУД АСТ.
ТУ БА ОВОЗИ ПАРВАРДИГОР ГӮШ НАДОДӢ, ВА ФАРМУДАИ ӮРО ДАР ХУСУСИ АМОЛЕҚИЁН ИҶРО НАКАРДӢ.
ПАРВАРДИГОР ИСРОИЛРО БО ТУ БА ДАСТИ ФАЛИШТИЁН МЕСУПОРАД.
ФАРДО ТУ ВА ПИСАРОНАТ НАЗДИ МАН МЕШАВЕД.
ПАРВАРДИГОР ЛАШКАРИ ИСРОИЛРО НИЗ БА ДАСТИ ФАЛИШТИЁН МЕСУПОРАД.


КАНИЗАТ БА ГАПАТ ГӮШ ДОД, ВА ҶОНИ ХУДРО БА КАФИ ДАСТ ГИРИФТА, БА ОН ЧИ БА МАН ГУФТӢ, ИТОАТ КАРД.
ЛУТФАН, ТУ НИЗ БА МАН ГӮШ ДЕҲ: КАМЕ ХӮРОК ПЕШИ ТУ МОНАМ, ТО КИ ХӮРӢ, ВА ҚУВВАТ ПАЙДО КАРДА, БА РОҲИ ХУД РАВӢ.
НАМЕХӮРАМ!
ТУ БОЯД ХӮРОК ХӮРӢ! ТУ ҲОЗИР ОН ЧИРО АЗ САР ГУЗАРОНДӢ, КИ БОСЁРИИ ОДАМОН ҲЕҶ ГОҲ АЗ САР НАМЕГУЗАРОН АНД.
АММО ПАРВАРДИГОР БА МО ФАРМУДААСТ, КИ АЗ МУРДАҲО МАСЛИҲАТ НАПУРСЕМ ...
ШОУЛ БА ХОНА БАРГАШТ – АММО АКНУН Ӯ БАРОИ БЕИТОАТӢ БА КАЛОМИ ХУДО БОЯД ПОДОШИ ПУРРАИ ХУДРО ГИРАД.


ИБРИЁН ИН ҶО ЧӢ МЕКУНАНД?!
ИНҲО ДОВУД ВА ОДАМОНАШ МЕБОШАНД. ЗИЁДА АЗ ЯК СОЛ АСТ, КИ Ӯ НАЗДИ МАН АСТ, ВА АЗ РӮЗИ ОМАДАНАШ АЗ Ӯ АЙБЕ НАЁФТААМ.
ӮРО БАРГАРДОН, ТО БА ҶОЕ КИ БАРОЯШ ТАЪЙИН КАРДАЙ, ГАШТА РАВАД!
ДАР ҶАНГ БА МО ДУШМАНӢ КАРДА, ОДАМОНИ МОРО КУШТАН БАРОИ Ӯ ВОСИТАИ ОСОНЕСТ БАРОИ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ҲУСНИ ТАВАҶҶУҲИ ХОҶААШ!
МАГАР Ӯ ҲАМОН ДОВУД НЕСТ, КИ ДАР БОРАИ ВАЙ РАҚСКУНОН МЕСУРУДАНД?
«ШОУЛ ҲАЗОРҲОРО МАҒЛУБ КАРД, ВАЛЕ ДОВУД — ДАҲҲО ҲАЗОРРО»?
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР, КИ МАН АЗ ХИЗМАТИ ТУ ҚАНОАТМАНД ҲАСТАМ, ВАЛЕ ФАРМОНДЕҲОН ВА РОҲБАРОН РОЗӢ НЕСТАНД, КИ ТУ ДАР ҶАНГ БА МО ҲАМРОҲ БОШӢ. ОНҲО ХАВФ ДОРАНД, КИ ТУ БА ШОУЛ ҲАМРОҲ ШУДА, ЗИДДИ МО МЕҶАНГӢ.
МАН ҲЕҶ КОР КАРДА НАМЕТАВОНАМ --БО ОСОИШ РАВ.
МАН ЧӢ КАРДААМ -- ЧАРО БО ДУШМАНОНИ ТУ ҶАНГ НАКУНАМ?
САРВАРОН АЗ РАЪЙИ ХУД ГАШТАН НАМЕХОҲАНД – САҲАРӢ ТУ БОЯД РАВӢ.
МО БА СИҚЛАҶ НАЗДИ ОИЛАҲОЯМОН БАРМЕГАРДЕМ – ИМРӮЗ МО НАМЕҶАНГЕМ. ОНҲО БА МО БОВАРӢ НАДОРАНД.
БА СИҚЛАҶ – НАЗДИ ОИЛАҲОЯМОН. ОДАМОН АЛЛАКАЙ ИНРО ПАЗМОН ШУДААНД.


СИҚЛАҶ – ДУШМАНОН БА ОН ҲУҶУМ КАРДААНД!
ОИЛАИ МАН!
ЗАНОНУ ДУХТАРОНИ МО!
АМОЛЕҚИЁН – ОНҲО ҲАМА ЧИЗРО ГИРИФТААНД – БО ЗИМНИ НАЗДИКОНАМОН!
ОНҲО ДУ ДУХТАРИ МАРО БУРДААНД! СУ ЗАНИ ТУРО НИЗ, ПОДШОҲ ДОВУД!
ДОВУД БОЯД МУРАД, ЗЕРО ОИЛАҲОИ МОРО БЕҲИМОЯТ ГУЗОШТ!
ӮРО САНГСОР МЕКУНЕМ – ҲАЁТИ Ӯ ДАР ИВАЗИ ҲАЁТИ ОНҲО!
АММО ҲАТТО ҲАНГОМЕ КИ САРБОЗОН ДОВУДРО КУШТАНӢ БУДАНД, Ӯ БА ХУДО МУРОҶИАТ НАМУДА, ДАР Ӯ ҚУВВАТ ПАЙДО НАМУД.
ЭФӮДРО НАЗДИ МАН БИЁРЕД.
ОЁ ОН ДУШМАНОНРО ДУНБОЛАГИРӢ НАМОЯМ? ОЁ БА ОНҲО РАСИДАН МЕТАВОНАМ?
ДУНБОЛАГИРӢ НАМО! ЗЕРО БА ОНҲО МЕРАСӢ ВА НАЗДИКОНАТРО РАҲОӢ МЕДИҲӢ.


МО ҒУЛОМИ МИСРИРО ЁФТЕМ,КИ ДУШМАН ӮРО МОНДА РАФТААСТ.МО БА Ӯ ХӮРОК ВА ОБ ДОДЕМ – Ӯ ТАЙЁР АСТ ГАП ЗАНАД.
ТУ АЗ КУҶОЙ ВА БА КӢ ТААЛЛУҚ ДОРӢ?
МАН МИСРӢ ВА ҒУЛОМИ ШАХСИ АМОЛЕҚӢ ҲАСТАМ. ЧУН БЕМОР ШУДАМ, ХОҶААМ МАРО МОНДА РАФТ.
МО БА ҶАНУБ ВА БА ЗАМИНИ ЯҲУДО ТОХТУТОЗ КАРДЕМ. ВА МО СИҚЛАҶРО ОТАШ ЗАДЕМ.
ОЁ ТУ МАРО БА ОН ДАСТА БУРДА МЕРАСОНӢ?
ҚАСАМ ХӮР, КИ МАРО НАМЕКУШӢ, ВА МАРО БА ХОҶААМ НАМЕСУПОРӢ, ВА МАН ТУРО БА ОН ДАСТА МЕРАСОНАМ.
МАН ВАЪДА МЕДИҲАМ.
200 НАФАР АЗ ОДАМОНИ МО ХЕЛЕ ХАСТА ШУДААНД ВА РОҲРО ДАВОМ ДОДА НАМЕТАВОНАНД.
ОНҲО МЕТАВОНАНД ДАР ИН ҶО НАЗДИ ЧИЗУ ЧОРА БИМОНАНД – ЧОРСАД НАФАРИ БОҚИМОНДА БОЯД БО МО РАВАНД.



МО ҲАНГОМИ НИМТОРИКӢ ҲУҶУМ МЕКУНЕМ – ВА ОНҲОРО ЗЕРУ ЗАБАР МЕКУНЕМ.
МУҲОРИНА АЗ САРИ ШАБ ТО БЕГОҲИИ РӮЗИ ДИГАР ДАВОМ КАРД.
ДОВУД ВА САРБОЗОНАШ БО ХАШМУ ҒАЗАБ АМОЛЕҚИЁНРО ЗАРБА МЕЗАДАНД.
ДОВУД ВА САРБОЗОНАШ БО ХАШМУ ҒАЗАБ АМОЛЕҚИЁНРО ЗАРБА МЕЗАДАНД.
ҒАНИМАТРО БАЙНИ ҲАМАИ САРБОЗОН ТАҚСИМ КУНЕД – ҲАМ КАСОНЕ КИ ДАР МУҲОРИБА ИШТИРОК ДОШТАНД , ҲАМ КАСОНЕ КИ НАЗДИ ЧИЗУ ЧОРА МОНДА БУДАНД.
ЧӢ?! МО ҲАЁТИ ХУДРО БА ХАТАР МОНОНДА БУДЕМ, АММО ОНҲО ФАҚАТ ЧИЗУ ЧОРАРО ПОСБОНӢ МЕКАРДАНД!
ПАРВАРДИГОР МОРО НИГАҲБОНӢ НАМУДААСТ, ВА ОН ДАСТАРО, КИ БАР МО ТОХТУТОЗ КАРДА БУД, БА ДАСТИ МО СУПУРДААСТ.
ҲИССАИ КАСЕ КИ НАЗДИ ЧИЗУ ЧОРА МЕМОНАД, МИСЛИ ҲИССАИ КАСЕ МЕШАВАД, КИ БА ҶАНГ МЕРАВАД. ВА ҒАНИМАТ ҲАМЕША ҲАМИН ТАВР ТАҚСИМ КАРДА ХОҲАД ШУД.
ҲАМЧУНИН ҲИССАЕРО БА ПИРОНИ ЯҲУДО ФИРИСТЕД -- ЧУН ТӮҲФА АЗ ҒАНИМАТЕ КИ АЗ ДУШМАНОНИ ПАРВАРДИГОР ГИРИФТА ШУДААСТ.


РӮЗИ ДИГАР...
ҲАМА ЧИЗ АЗ ДАСТ РАФТ0. ФАЛИШТИЁН МОРО ШИКАСТ ДОДАНД ВА ПИСАРОНИ МАН ҲАЛОК ШУДАНД.
АЗОБҲОИ МАРО ХОТИМА ДЕҲ, МАРО БО ШАМШЕРИ ХУД ЗАН, МАБОДО ИН ФАЛИШТИЁН ОМАДА, МАРО АЗОБ ДОДА ВА ТАҲҚИР КАРДА КУШАНД.
МАН... МАН НАМЕТАВОНАМ, ПОДШОҲ ШОУЛ... ТУ МАСЕҲИ ХУДО ҲАСТӢ.
АГАР ТУ ИН КОРРО НАКУНӢ ... МАН МЕКУНАМ.
ПАРВАРДИГОР ДАСТИ ХУДРО АЗ МАН ДУР КАРД. ТАСАЛЛОИ МАН ОН АСТ, КИ БА ПИСАРОНАМ ДАР МАРГ ҲАМРОҲ ШАВАМ.
АДДАААҲ...
АСЛИҲААШРО ГИРЕД ВА САРИ ПИРИ АҲМАҚИ ӮРО БУРЕД.
АСЛИҲАИ ӮРО ЧУН ҲАДИЯ БА ХУДОИ МО ДАР БУТКАДА ГУЗОРЕД, ВА ҶАСАДИ ӮРО БАР ДЕВОРИ ШАҲР БАРОИ ТАМОМШОИ ОММА ОВЕЗЕД.
АГАРЧИ ЛАШКАРИ БОҚИМОНДАИ ИСРОИЛ ШИКАСТ ХӮРДА ГУРЕХТА БУД, БАЪЗЕ МАРДОНИ ДАЛЕР БАРХЕСТА, ТАМОМИ ШАБ РОҲ ПАЙМУДАНД.
ВА ҶАСАДИ ШОУЛ ВА ҶАСАДҲОИ ПИСАРОНАШРО АЗ ДЕВОРИ БАЙТ-ШЕОН ГИРИФТА БО ХУД БУРДАНД.
ОНҲО ҶАСАДҲОРО СӮЗОНДАНД ВА УСТУХОНҲОИ ОНҲОРО ГИРИФТА, ДАР ЁБИШ БА ХОК СУПУРДАНД. ВА ҲАФТ РӮЗ РӮЗА ДОШТАНД.
Ӯ ПОДШОҲИ МО БУД – МО БО ҒАМУ АНДӮҲ БОЯД ИЗЗАТУ ЭҲТИРОМИ ХУДРО БА Ӯ ВА ПИСАРОНАШ ЗОҲИР НАМОЕМ.


АЗ КУҶО ОМАДАЙ?
МАН АМОЛЕҚӢ ҲАСТАМ ВА АЗ ЛАШКАРГОҲИ ИСРОИЛ ГУРЕХТААМ. ЛАШКАРИ ИСРОИЛ АЗ ПЕШИ ФАЛИШТИЁН РӮ БА ГУРЕЗ ОВАРДАНД – ШОУЛ ВА ПИСАРАШ ЮНОТОН МУРДАНД.
ЧӢ ГУНА ДОНИСТӢ?
ТАСОДУФАН АЗ КӮҲИ ҶИЛБӮА ГУЗАР МЕКАРДАМ, ВА ИНАК ПОДШОҲ ШОУЛ ЗАХМИ МАРГОВАР БАРДОШТА БУД.
ШОУЛ РАЪШАИ ПЕШ АЗ МАРГ ДОШТ ВА АЗ МАН ИЛТИҶО НАМУД, КИ ӮРО КУШАМ – ВА МАН ӮРО КУШТАМ.
АААAA…
ҲАШАМАТИ ТУ, ЭЙ ИСРОИЛ, БАР БАЛАНДИҲОЯТ ШАҲИД ГАРДИД!
ЭЙ ДУХТАРОНИ ИСРОИЛ! БАРОИ ШОУЛ ГИРЯ КУНЕД.
ПАҲЛАВОНОН АНДАРУНИ КОРЗОР ЧӢ ГУНА ФУРӮ ҒАЛТИДААНД!
ӮРО БИКУШ.
ЧӢ…?!
ТУ ХУДАТ ШАҲОДАТ ДОДА, ГУФТӢ, КИ "МАН МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОРРО КУШТАМ".



ПАРВАРДИГОР, ТУ ДАР САФАРҲОЯМ БО МАН БУДӢ. ХОҲИШ МЕКУНАМ, БА МАН БИГӮ, КИ ОЁ БА ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОИ ЯҲУДО РАВАМ?
БИРАВ.
БА КУҶО?
БА ҲЕБРӮН.
ПАЙҒАМБАР САМУИЛ АЛЛАКАЙ ТУРО БА ПОДШОҲИИ ИСРОИЛ ТАДҲИН КАРДААСТ.
МО, МАРДУМИ ЯҲУДО, ҲАМЧУНИН ТУРО ТАДҲИН МЕКУНЕМ, ТО КИ ДАР ПЕШИ ПАРВАРДИГОР БАР МО ПОДШОҲ БОШӢ.
ҚОСИДОНРО НАЗДИ МАРДУМИ ЁБИШ-ҶИЛЪОД БО ИН ПАЁМ ФИРИСТЕД ...
БИГУЗОР ПАРВАРДИГОР ШУМОРО БАРАКАТ ДИҲАД БАРОИ МЕҲРУБОНИЕ КИ БА ШОУЛ ЗОҲИР НАМУДА, ӮРО ДАФН КАРДАЕД. АКНУН ХОҶАИ ШУМО ШОУЛ МУРДААСТ ВА МАН ДАР ҲЕБРӮН БА ПОДШОҲӢ ТАДҲИН КАРДА ШУДАМ.
ПАС АЗ МАРГИ ПОДШОҲ ШОУЛ, САРЛАШКАР АБНИР ЛАШКАРИ ИСРОИЛРО САРВАРӢ НАМУД ВА ПИСАРИ ШОУЛ ИШБӮШЕТРО БА ТАХТ ШИНОНД.
ПАС АЗ ЧАНДЕ Ӯ ВА САРЛАШКАРИ ДОВУД, ЮОБ, НАЗДИ ҲАВЗИ ҶИБЪӮН ВОХӮРДАНД.






II ПОДШОҲОН 2:14-17


ЮОБ ДУ БАРОДАР ДОШТ, КИ ДАР БАРИ Ӯ МЕҶАНГИДАНД – АСОИЛ ВА АБИШОЙ
НИГОҲ КУН! АБНИР МАЙДОНИ ҶАНГРО ТАРК МЕКУНАД.
ТУ АЗ ҲАМА ТЕЗДАВТАР ҲАСТӢ – ӮРО ТАЪҚИБ КУН! АГАР ЛАШКАРИ ОНҲО АБНИРРО АЗ ДАСТ ДИҲАД, ОНҲО БЕ САРВАР МЕМОНАНД ВА БА ЗУДӢ ТАСЛИМ МЕШАВАНД.
АСОИЛ – МАРО ВОГУЗОР. БО ЯГОН КАСИ ДИГАР ҚУВВАОЗМОӢ НАМО – ЧАРО МАН БОЯД ТУРО КУШАМ?
БА ТУ МЕГӮЯМ – БИИСТ! АГАР ТУРО КУШАМ, ЧӢ ГУНА РӮИ ХУДРО БА БАРОДАРАТ ЮОБ НИШОН МЕДИҲАМ?
ЖЖУУХХ


ОЁ ШАМШЕР ТО АБАД БА ҲАЛОКАТ РАСОНАД? ОҚИБАТИ ИН ФАҚАТ ТАЛХӢ АСТ.
ТО БА КАЙ ОДАМОНИ ТУ БАРОДАРОНИ ХУДРО ДУНБОЛАГИРӢ МЕКУНАНД?
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ХУДО, КИ АГАР ТУ ЧУНИН НАМЕГУФТӢ, ОДАМОНИ МАН ТО САҲАР ШУМОРО ДУНБОЛАГИРӢ МЕКАРДАНД.
ШАЙПУР НАВОЗ.
ВА АБНИР ВА ОДАМОНАШ ТАМОМИ ОН ШАБ ДАР САҲРО РОҲ РАФТА, БА ХОНА ОМАДАНД ... ОНҲО ДАР МУҲОРИБА 360 КАСРО АЗ ДАСТ ДОДА БУДАНД.
ЮОБ ВА ОДАМОНАШ ТАМОМИ ШАБ РОҲ ПАЙМУДА, СУБҲ БА ҲЕБРӮН РАСИДАНД ... ОНҲО ДАР МУҲОРИБА ФАҚАТ 19 КАСРО АЗ ДАСТ ДОДАНД.


ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ БАЙНИ ХОНАДОНИ ШОУЛ ВА ХОНАДОНИ ДОВУД ДУ СОЛ ДАВОМ КАРД. ДАР ИН МУДДАТ ДОВУД ДАР ПОДШОҲӢ ТОРАФТ ҚУВВАТ МЕЁФТ, ОИЛАИ Ӯ АФЗУН ШУД, ЗЕРО ЗАНҲОЯШ БА Ӯ ФАРЗАНДОН ТАВАЛЛУД КАРДАНД.
ҲАЗРАТАМ, ШУМО СОҲИБИ БОЗ ЯК ПИСАР ШУДЕД.
НОМИ Ӯ АДӮНИЁ МЕШАВАД – ПАРВАРДИГОР ХУДОИ МАН АСТ.
ВАЛЕ ХОНАДОНИ ШОУЛ ТОРАФТ СУСТ МЕШУД… ХУСУСАН ПАС АЗ НИЗОЪ БАЙНИ ПОДШОҲ ВА САРЛАШКАРИ Ӯ.
АБНИР -- ТУ НАЗДИ СУРРИЯИ ПАДАРАМ ДАРОМАДӢ!
МАН БА ТУ ВАФОДОР БУДАМ – ВА АКНУН ТУ ГУНОҲЕ БА ГАРДАНИ МАН БОР МЕКУНӢ!
ҲАМИН РӮЗ НАЗДИ ДОВУД РАФТА, ЛАШКАР ВА ХОНАДОНИ ИСРОИЛРО БА Ӯ МЕСУПОРАМ.
ҚОСИДОНРО НАЗДИ ДОВУД БА ҲЕБРӮН ФИРИСТЕД. БА Ӯ ГӮЕД, КИ Ӯ БО МАН АҲД БАНДАД ВА МАН ТАМОМИ ИСРОИЛРО БА ТАРАФИ Ӯ МЕГУЗАРОНАМ.
ХУДИ ҲОЗИР – ЗУДТАР БИРАВ!


ДОВУД ТАЛАБ КАРД, КИ МИКАЛ ДУХТАРИ ШОУЛРО БА Ӯ БАРГАРДОНАНД.
Ӯ БАРОИ БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ Ӯ САД ФАЛИШТИРО КУШТА БУД, ВА АКНУН МЕХОҲАД, КИ ӮРО ГАРДОНДА ГИРАД.
ХУБ. МИКАЛРО АЗ ШАВҲАРАШ ГИРИФТА, БА ДОВУД ДИҲЕД – ГӮЁ БЕ Ӯ ЗАНҲОЯШ КАМ БОШАНД.
ЗАМОНЕ ШУМО МЕХОСТЕД ДОВУДРО БАР ТАМОМИ ИСРОИЛ ПОДШОҲ КУНЕД.
ПАРВАРДИГОР АЛЛАКАЙ ВАЪДА ДОД, КИ ХАЛҚАШРО БО ДАСТИ Ӯ АЗ ФАЛИШТИЁН ВА АЗ ҲАМАИ ДУШМАНОН РАҲОӢ МЕДИҲАД.
ДОВУД ПОДШОҲИ МО МЕШАВАД – МО ТАЙЁРЕМ ЗАМИНҲОЯМОНРО МУТТАҲИД КУНЕМ ВА ҶАНГРО ХОТИМА ДИҲЕМ.
НАЗДИ Ӯ БА ҲЕБРӮН БИРАВ.
ХОДИМОНИ МАН ИН ИДРО БАРОИ ТУ ОМОДА НАМУДААНД, АБНИР. ТУ ҚОСИДИ ОСОИШ ҲАСТӢ ВА НИҲОЯТ КИШВАРАМОНРО МУТТАҲИД НАМУДӢ – АКНУН МО ДАР ОСОИШ ХОҲЕМ БУД.
ИМРӮЗ МАН ТАМОМИ ИСРОИЛРО БАРОИ ХОҶААМ ПОДШОҲ МУТТАҲИД МЕКУНАМ.
САРЛАШКАР ЮОБ, САРЛАШКАРИ ИСРОИЛ АБНИР ҲОЗИР ҚАСРИ ПОДШОҲРО ТАРК КАРДА, БА ИСРОИЛ РАВОНА ШУД.
ЧӢ?! МАН БО ОДАМОНАМ ҲОЗИР АЗ ТОХТУТОЗ БАР АМОЛЕҚИЁН БО ҒАНИМАТ БАРГАШТЕМ. АБНИР АЛБАТТА ЯГОН НИЯТИ БАД ДОРАД!
ҶИЛАВИ АСПАМРО ДОР!




II ПОДШОҲОН 3:22-27


ГӮШ КУН, ТАМОМИ ИСРОИЛ! МАН, ПОДШОҲ ДОВУД, АЗ ХУНИ АБНИР ПИСАРИ НИР ТО АБАД БЕГУНОҲ ҲАСТАМ!
БИГЗОР ДАР АЗ ХОНАДОНИ ЮОБ КАСИ МАХАВӢ, КАСИ БАР АСО ТАКЯКУНАНДА, КАСИ БА ДАМИ ШАМШЕР АФТАНДА ҲАРГИЗ КАМ НАШАВАД.
АБНИР БО СУЛҲ ОМАД – АММО ШАХСИ БЕРАҲМ ӮРО НОИНСОФОНА КУШТ.
ТАМОМИ ХАЛҚ ЛИБОСИ ХУДРО ДАРОНИДА ВА ПАЛОС ПӮШИДА, БАРОИ АБНИР НАВҲА НАМОЯД -- ВА АЗ АҚИБИ ТОБУТ РАВОНА ШАВАД.
АВЕНИР, НАХОД КИ ТУ БОЯД ҲАМИН ТАВР МЕМУРДӢ?
ДАСТҲОЯТ БАСТА НАШУДААСТ, ВА ПОЙҲОЯТ ЗАВЛОНА ЗАДА НАШУДААСТ.
ТУ МИСЛИ КАСЕ КИ АЗ ДАСТИ БАДКИРДОРОН АФТОДА БОШАД, АФТОДАЙ.
ДОВУД САРВАРЕСТ, КИ МО БА Ӯ ТАКЯ КАРДА МЕТАВОНЕМ.
ҲА, Ӯ ШУБОНИ ҲАҚИҚИСТ, КИ ДАР ҲАҚҚИ ТАМОМИ ХАЛҚИ ИСРОИЛ ҒАМХОРӢ МЕКУНАД.
ШОҲАМ, ТУ ИНРӮЗ ҲЕҶ ЧИЗ НАХӮРДАЙ. МО БАРОИ ТУ ДАСТУРХОН ОРОСТЕМ.
МАН АЗ ҒАМУ АНДӮҲ БАРОИ КУШТОРИ ИН БЕГУНОҲ ТО ФУРӮ РАФТАНИ ОФТОБ ЧИЗЕ НАМЕХӮРАМ. МАН ДАР ПЕШИ ХУДО РӮЗА МЕГИРАМ.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БА ЮОБ МУВОФИҚИ БАДКИРДОРИИ ВАЙ ПОДОШ ДИҲАД.
ҲАНГОМЕ КИ ДОВУД ДАР ҲЕБРӮН ДАР ҒАМУ АНДӮҲ БУД, БОЗ ЯК ВОҚЕАИ НАНГОВАРЕ РӮЙ ДОД – ПОДШОҲ ИШБӮШЕТ ДАР БИСТАРИ ХУД КУШТА ШУД.
ВА ДОВУД КУШАНДАГОНИ ӮРО ҚАТЛ КАРДА, ҶАСАДҲОШОНРО БАРОИ ТАМОШОИ МАРДУМ ОВЕХТАНД.


ИНАК, МО УСТУХОН ВА ГӮШТИ ТУ ҲАСТЕМ – БАР МО ПОДШОҲӢ КУН.
ДАР ГУЗАШТА ТУ МОРО БА ЛАШКАРКАШИҲО МЕБУРДӢ; ВА ПАРВАРДИГОР БА ТУ ГУФТА БУД: "ТУ БАР ҚАВМИ МАН ИСРОИЛ ШУБОН ХОҲӢ БУД".
БИЁ ВА БАР МО ПОДШОҲӢ КУН.
ДОВУД ҲАФТ СОЛУ ШАШ МОҲ БАР ЯҲУДО ПОДШОҲӢ КАРД, ВА АКНУН БАР ТАМОМИ ИСРОИЛ ПОДШОҲ ШУД.
МАН ШАҲРИ ЯБУСИЁН – УРШАЛИМРО ИШҒОЛ КАРДАН МЕХОҲАМ. ДАР ОН ҶО МАН ТАХТРО МЕГУЗОРАМ.
ЯБУСИЁН БА ТУ ПАЁМ ФИРИСТОДААНД, КИ ТУ ҲЕҶ ГОҲ БА УРШАЛИМ ДОХИЛ НАМЕШАВӢ – ҲАТТО КӮРОН ВА ЛАНГОН ТУРО МЕРОНАНД.
АММО ДОВУД БА ВОСИТАИ НАҚБҲОИ ОБГУЗАР БА ШАҲР ДАРОМАДА, ОНРО ИШҒОЛ НАМУД.
ПОДШОҲИ СУР ҲИРАМ БА ТУ ХАБАР МЕРАСОНАД, КИ Ӯ ДАРАХТОНИ АРЗ, ВА ДУРЕДГАРОН ВА САНГТАРОШОНРО МЕФИРИСТАД, ТО БАРОИ СОХТАНИ ҚАСР БАРОИ ТУ, ЭЙ ПОДШОҲ, ЁРӢ ДИҲАНД.
БА ПОДШОҲ ҲИРАМ ҶАВОБ ДИҲЕД, КИ МАН МУШАРРАФ ГАРДИДААМ ВА БАРОИ НЕКӢ, КИ БА МАН ВА ХОНАВОДААМ КАРДААСТ, ПОДОШ ХОҲАМ ДОД.
ДОВУД МЕДОНИСТ, КИ ПАРВАРДИГОР ӮРО ПОДШОҲ КАРДА, БАРАКАТ ДОДААСТ.
ВА ДАР УРШАЛИМ БАРОИ ХУД СУРРИЯГОН ВА ЗАНОН ГИРИФТ – ВА ОНҲО БАРОИ ДОВУД БОЗ ПИСАРОН ВА ДУХТАРОН ТАВАЛЛУД КАРДАНД.


МО ПОДШОҲИИ ДОВУДРО ЯКЕ АЗ КӮТОҲТАРИНҲО МЕКУНЕМ.
ОНҲО АЗ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ НОТАВОН ШУДААНД.
ҲУКМРОНИИ ФАЛИШТИЁН САР МЕШАВАД ВА ИБРИЁН ҲАТМАН ФУРӮ МЕҒАЛТАНД.
ҲА, ВАҚТИ ОН РАСИДААСТ, КИ ОНҲО БОЗ БА МО ХИЗМАТ КУНАНД.
ПАРВАРДИГОР, ТУ МАРО БА ИН МАРТАБА РАСОНДАӢ. АКНУН ДУШМАНОНАТ ЗАМИНРО ПУР КАРДААНД. ОЁ МАН БА МУҚОБИЛИ ОНҲО БАРОЯМ – ВА ОЁ ҒОЛИБ ХОҲАМ ШУД?
БАРО, ЗЕРО КИ ФАЛИШТИЁНРО БА ДАСТАТ МЕСУПОРАМ.
ҲАЗРАТАМ, ФАЛИШТИЁН БОЗ ОМАДА, ДАР ВОДИИ РАФОИМ ҶОЙГИР ШУДАНД, ТО КИ БО ТУ БИҶАНГАНД.
с«ИН ДАФЪА АЗ АҚИБАШОН ДАВР ЗАДА, БА ОНҲО НАЗДИК ШАВ, ВА ҲАМИН КИ АКСИ САДОИ ҚАДАМҲОРО ДАР САРИ ДАРАХТОНИ ТУТ ШУНАВӢ, ДАРҲОЛ ҲУҶУМ КУН, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР ПЕШОПЕШИ ТУ БЕРУН МЕОЯД ».
АЗБАСКИ ДОВУД АЗ РӮИ ФАРМУДАИ ПАРВАРДИГОР АМАЛ НАМУД, Ӯ ТАВОНИСТ БА ФАЛИШТИЁН ТО ДАРОМАДГОҲИ ШАҲРАШОН ЗАРБА РАСОНАД.


ПОДШОҲ ШОДӢ МЕКУНАД; САНДУҚИ АҲДРО АЗ ҚИРЯТ-ЕОРИМ БА УРШАЛИМ МЕБАРАНД. Ӯ МЕДОНАД, КИ ҲАНГОМЕ САНДУҚ ДАР ШАҲРИ Ӯ МЕШАВАД, ПАРВАРДИГОР ӮРО БАРАКАТ МЕДИҲАД.
АММО… ОНҲО САНДУҚРО БО АРОБА МЕБАРАНД … МУСО ДАСТУРИ АНИҚ ДОДА БУД, КИ ОНРО БОЯД ЛЕВИЗОДАГОН БО ХОДАҲО БАРДОШТА БАРАНД.
AAAAA!!!
Ӯ БА САНДУҚИ ПАРВАРДИГОР ДАСТ РАСОНД!
ДОВУД ҒАМГИН ШУД, КИ ХАШМИ ПАРВАРДИГОР БАР КОҲИН ФУРӮ РЕХТ.
ВА ДАР ОН РӮЗ... ДОВУД АЗ ПАРВАРДИГОР ТАРСИД.
АЗ ҲАМИН САБАБ САНДУҚ БА УРШАЛИМ БУРДА НАШУД, БАЛКИ БА ХОНАИ УБАЙД-АДӮМ РАВОНА КАРДА ШУД.


ВА ҲАНГОМЕ КИ ПАРВАРДИГОР ХОНАДОНИ УБАЙД-АДӮМРО АЗ БОИСИ САНДУҚ БАРАКАТ ДОД, ДОВУД РАФТА, САНДУҚРО БА УРШАЛИМ ГУЗАРОНД.
АММО ИН ДАФА ОНРО КОҲИНОН МЕБУРДАНД, ЧУНОН КИ МУСО ФАРМУДА БУД. ВА ДОВУД БО ХУШНУДИИ ЗИЁД САНДУҚРО БА ШАҲР ДАРОВАРД.
НИГОҲ КУН, ЧӢ ТАВР ХУДИ ПОДШОҲ ИН ВОҚЕАРО БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР ҶАШН МЕГИРАД.
ҒАЙР АЗ ҚУРБОНИҲОИ СӮХТАНӢ БАРОИ ПАРВАРДИГОР, ПОДШОҲ МЕХОҲАД БА ҲАР КАС НОН, АНҶИР ВА МАВИЗ ТАҚСИМ КАРДА ДИҲАД.
ИН ПОДШОҲ ҲАҚИҚАТАН МАРДЕСТ МУВОФИҚИ ДИЛИ ХУДО.
ПАРВАРДИГОР БА ПОДШОҲ АДОЛАТ ВА САХОВАТМАНДӢ АТО НАМУДААСТ. ЗИНДА БОД ПОДШОҲ ДОВУД!
АММО ҲАНГОМЕ КИ ПОДШОҲ БА ХОНА БАРГАШТ, ҲАМИН ГУНА ҚАБУЛИ ГАРМУ ҶӮШОНРО АЗ ЗАНАШ МИКАЛ НАДИД.
ПОДШОҲИ ИСРОИЛ ИМРӮЗ ХУДРО ЧӢ ГУНА НИШОН ДОД! Ӯ ПЕШИ КАНИЗОН ВА НАВКАРОНАШ БАРАҲНА ШУДА РАҚСИД, ЧУНОН КИ ЯК ШАХСИ БЕМУЛОҲИЗА МЕКУНАД!
МАН БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР ИД МЕКУНАМ.
ХУДО МАРО НАЗАР БА ПАДАРАТ ВА ТАМОМИ ХОНАДОНАШ БАРТАРӢ ДОД. МАН АЗ ИН ҲАМ ЗИЁДТАР ХУДРО НОЧИЗ МЕГАРДОНАМ, ВА ИН КАНИЗОН, КИ ТУ ДАР БОРАИ ОНҲО СУХАН РОНДӢ, МАРО ИЗЗАТ ХОҲАНД КАРД.
ВА МИКАЛ ДУХТАРИ ШОУЛ ТО РӮЗИ ВАФОТАШ ФАРЗАНД НАДОШТ.


ПАС АЗ ИН ПОДШОҲ БА НОТОНИ ПАЙҒАМБАР ВОХӮРД.
ОДИЛОНА НЕСТ, КИ МАН ДАР ХОНАИ АРЗӢ СОКИН ҲАСТАМ, ВАЛЕ САНДУҚИ ХУДО АНДАРУНИ ЧОДАРЕ СОКИН АСТ.
ҲАР ОН ЧИ ДАР ДИЛАТ БОШАД, БИРАВ, БА АМАЛ ОВАР, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР БО ТУСТ.
«БА БАНДАИ МАН ДОВУД БИГӮЙ: ОЁ ТУ ХОНАЕ БАРОИ МАН БИНО МЕКУНӢ? МАН, ОХИР, АЗ РӮЗЕ КИ БАНӢ ИСРОИЛРО АЗ МИСР БЕРУН ОВАРДААМ, ТО ИМРӮЗ ДАР ХОНАЕ СОКИН НАШУДААМ».
«БА БАНДАИ МАН ДОВУД БИГӮЙ: ОЁ ТУ ХОНАЕ БАРОИ МАН БИНО МЕКУНӢ? МАН, ОХИР, АЗ РӮЗЕ КИ БАНӢ ИСРОИЛРО АЗ МИСР БЕРУН ОВАРДААМ, ТО ИМРӮЗ ДАР ХОНАЕ СОКИН НАШУДААМ».
ПАРВАРДИГОР БАРОИ ТУ ХОНА БИНО МЕКУНАД ВАИ НАСЛИ ТУРО, КИ АЗ КАМАРИ ТУ БЕРУН ОЯД, БАЪД АЗ ТУ ПОЙДОР МЕГАРДОНАД.
ХОНАИ ТУ ВА ПОДШОҲИИ ТУ ТО АБАД УСТУВОР ХОҲАД БУД; ТАХТИ ТУ ТО АБАД ПОЙДОР ХОҲАД БУД.
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, МАН КИСТАМ, КИ МАРО БА ИН МАРТАБА РАСОНДАӢ?
ТУ ТО ЧӢ АНДОЗА БУЗУРГ ҲАСТӢ – КАСЕ МОНАНДИ ТУ НЕСТ.
СУХАНОНИ ТУ ДУРУСТ ВА ОДИЛОНА МЕБОШАНД.
ВА АЛҲОЛ ТАВАҶҶӮҲ НАМУДА, ИН ХОНАДОНРО БАРАКАТ БИДЕҲ … ВА БАНДААТ АЗ БАРАКАТИ ТУ ТО АБАД МУБОРАК ХОҲАД БУД.


ПАРВАРДИГОР БО ДОВУД БУД ВА БА Ӯ БАР ДУШМАНОНАШ ҒАЛАБАҲО МЕДОД – БАР ФАЛИШТИЁН, АРАМИЁН, МӮОБИЁН, АДӮМИЁН ВА АММӮНИЁН.
ДОВУД БА ҲАР ҶОЕ КИ РАВАД, ПАРВАРДИГОР БА Ӯ МУВАФФАҚИЯТ АТО МЕНАМУД.
ДОВУД ҲАНГОМИ БАР ИСРОИЛ ҲУКМРОНӢ КАРДАНАШ РОСТКОРОНА, ОДИЛОНА ВА БОИНСОФОНА АМАЛ МЕНАМУД, ВА ҲАМАИ ОДАМОН ӮРО ТАСҲСИН МЕНАМУДАНД, ЧУНКИ ХУДО БО Ӯ БУД.
СОДӮҚ ВА АҲИМАЛИК КОҲИНОН БУДАНД.
ЮОБ САРЛАШКАР БУД.
ЕҲӮШОФОТ СОЛНОМАНАВИС БУД ВА САРОЁ – ЁРДАМЧИИ Ӯ.
ВА БАНОЁ САРДОРИ ПОСБОНОНИ ПОДШОҲ БУД.
ВА ПИСАРОНИ ДОВУД МУШОВИРОНИ ПОДШОҲ БУДАНД.
ДОВУД ВАЪДАҲОЕРО, КИ БА ШОУЛ ВА ЮНОТОН ДОДА БУД, ДАР ЁД ДОШТ.
Ӯ ПИСАРИ ЛАНГИ ЮНОТОН, МЕФИБӮШЕТРО БА ДАРБОРИ ХУД ОВАРОНДА, ҲАМАИ ЗАМИНҲОЕРО, КИ БА ОИЛАИ Ӯ ТААЛЛУҚ ДОШТАНД, БОЗГАРДОНД.
МЕФИБӮШЕТ, ЧУН ЯКЕ АЗ ПИСАРОНИ ДОВУД, ДАР САРИ ДАСТАРХОНИ ПОДШОҲ ХӮРОК МЕХӮРД.




II ПОДШОҲОН 11:1-5


ДОВУД ДОВУД АЗ САЛОМАТИИ САРБОЗОН ВА АЗ ВАЗЪИЯТИ ҶАНГ ПУРСИД. БАЪД Ӯ ГУФТ …
ТУ АЗ РОҲИ БУР ОМАДӢ. БА ХОНААТ РАВ ВА БО ЗАНИ ХУД БОШ.
ВАЛЕ УРИЁ НАЗДИ ДАРИ ХОНАИ ПОДШОҲ ХОБИДА, БА ХОНААШ НАРАФТ.
ЧАРО ШАБИ ГУЗАШТА БА ХОНАИ ХУД НАРАФТӢ?
МАН НАМЕТАВОНИСТАМ ЧУНИН КУНАМ, ДАР ҲОЛЕ КИ САРБОЗОНИ ПОДШОҲ БАР РӮИ САҲРО МЕХОБАНД.
ДОВУД УМЕДВОР БУД, КИ ӮРО МАСТ КАРДА, БА ХОНААШ РАВОНА КАРДА МЕТАВОНАД, ВА ДИГАРОН ГУМОН ХОҲАНД КАРД, КИ БАТШОБАЪ АЗ Ӯ ҲОМИЛА ШУДААСТ.
АММО ИН НАҚШАИ ПОДШОҲ, КИ ГУНОҲАШРО РӮПӮШ КАРДАНӢ БУД, АМАЛӢ НАШУД, ЗЕРО УРИЁ БОЗ НАЗДИ ДАРИ ХОНАИ ПОДШОҲ ХОБИД.


ИН НОМАРО ФАВРАН БА ЮОБ РАСОН.
УРИЁРО ДАР МАВҚЕИ ҲАРБУ ЗАРБИ САХТ БИГУЗОР.
СИПАС ХУДРО КАНОР КАШЕД, ТО КИ Ӯ ЗАРБА ХӮРДА, БИМИРАД.
БИГУЗОР САРБОЗОН АҚИБ НИШИНАНД.
БА ПОЙТАХТ БАРГАШТА, ИН ПАЁМРО БА ПОДШОҲ РАСОН.
АГАР Ӯ ХАШМГИН ГАРДАД, БА Ӯ БИГӮЙ: "НАВКАРАТ УРИЁИ ҲИТТӢ НИЗ МУРДААСТ".



ЧАРО БАРОИ ҶАНГ БА ШАҲР НАЗДИК ШУДЕД? ШУМО МАГАР НАМЕДОНИСТЕД, КИ АЗ БОЛОИ ДЕВОР ТИРАНДОЗӢ МЕКУНАНД?
ОНҲО БАР МО ДАСТБОЛО ШУДАНД, БАЪД МО ОНҲОРО ТО ДЕВОР ДУНБОЛАГИРӢ КАРДЕМ.
ТИРАНДОЗОН АЗ БОЛОИ ДЕВОР ТИР АНДОХТАНД, ВА БАЪЗЕ АЗ НАВКАРОНИ МУРДАНД; УРИЁИ ҲИТТӢ НИЗ МУРД.
БА ЮОБ ЧУНИН БИГӮЙ: "ИН ҲОДИСА БА НАЗАРИ ТУ БАД НАНАМОЯД, ЗЕРО КИ ШАМШЕР ГОҲЕ ИН ТАВР, ВА ГОҲЕ БА ТАВРИ ДИГАР БА ҲАЛОКАТ МЕРАСОНАД".
ҶАНГИ ХУДРО БА МУҚОБИЛИ ШАҲР ПУРЗӮР КАРДА, ОНРО ВАЛАНГОР БИКУН.
БАТШОБАЪ ДАР БОРАИ МАРГИ ШАВҲАРАШ ШУНИДА, ҲАФТ РӮЗ МОТАМ ГИРИФТ.
БАТШОБАЪ ЗАНИ ДОВУД ШУД. ДОВУД ӮРО БА ҚАСРИ ХУД ОВАРД ВА Ӯ БАРОЯШ ПИСАР ТАВАЛЛУД КАРД.
АММО КОРЕ КИ ДОВУД КАРД, ДАР НАЗАРИ ПАРВАРДИГОР БАД БУД


ПАРВАРДИГОР ПАЙҒАМБАРИ ХУД НОТОНРО НАЗДИ ПОДШОҲ ФИРИСТОД … ТО БА Ӯ МАСАЛЕРО НАҚЛ КУНАД, КИ ПОДШОҲ-ЧӮПОН ФАҲМИДА ТАВОНАД.
ШОҲАМ, МАН ВОҚЕАЕРО МЕДОНАМ, КИ БОЯД ОНРО БА ТУ НАҚЛ НАМОЯМ …
ДАР ШАҲРЕ МАРДИ САРВАТДОРЕ МЕЗИСТ, КИ ГӮСФАНДОН ВА ГОВОНИ БАҒОЯТ БИСЁР ДОШТ. ДАР ҲАМОН ШАҲР КАМБАҒАЛЕ НИЗ БУД, КИ ТАНҲО ЯК БАРРАЧА ДОШТ, ВА ОН БАРРАЧА НАЗДИ Ӯ БО ЯКҶОЯГИИ БАЧАГОНАШ КАЛОН МЕШУД.
МУСОФИРЕ НАЗДИ САРВАТДОР ОМАД, ВА Ӯ АЗ ГӮСФАНДОН ВА ГОВОНИ ХУД НАГИРИФТ, ТО БАРОИ МЕҲМОНЕ КИ НАЗДИ Ӯ ОМАДААСТ, ХӮРОКЕ ТАЙЁР КУНАД, БАЛКИ БАРРАИ МАРДИ КАМБАҒАЛРО ГИРИФТ.
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР, КИ МАРДЕ КИ ЧУНИН АМАЛ КАРДААСТ, САЗОВОРИ ҚАТЛ АСТ!
АЗ БАРОИ ОН КИ ЧУНИН АМАЛ КАРДААСТ, ВА АЗ БАРОИ ОН КИ РАҲМ НАНАМУДААСТ, ВАЙ БОЯД БАРОИ БАРРА ЧОР БАРОБАР ТОВОН ДИҲАД.






II ПОДШОҲОН 12:7-12




II ПОДШОҲОН 12:13-31, ПРАЛМА 51













SUPERBIBLE.TV